**ХУЛОСАИ**

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ аз рӯи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм

Парвандаи аттестатсионии № 16

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 29.01.2025, № 1

Барои сазовор донистани Қаюмӣ Шаҳзода Таго, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика).

Диссертатсияи Қаюмӣ Шаҳзода Таго дар мавзӯи «Такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон» аз рӯи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика), санаи 02 октябри соли 2024, суратмаҷлиси №2 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Раҷабовҳо 10, ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, №11/ш.д. таъсис дода шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Қаюмӣ Шаҳзода Таго 31 июли соли 1976 дар оилаи коргар таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қаюмӣ Шаҳзода Таго соли 1998 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ бо ихтисоси математик, соли 2008 Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистонро бо ихтисоси «Умури гумрук» (дипломи аъло), соли 2017 Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистонро бо ихтисоси «Таъмини корхонаҳои саноатӣ бо барқ» хатм намудааст. Фаъолияти меҳнатии худро аз моҳи сентябри соли 1998 ба сифати омӯзгори МТМУ №-13, роҳбари созмонҳои талабагӣ ва муовини директори литсейи № 1-и ш. Кӯлоб оғоз ва идома додааст.

Солҳои 2008 – 2011 ба ҳайси мудири Бахши саноат, нақлиёт ва алоқаи МИҲД- шаҳри Кӯлоб, солҳои 2011-2012 бо назардошти иваз гардидани сохтор дар мансаби мудири Бахши саноат, нақлиёт, энергетика ва коммуникатсияи МИҲД-и шаҳри Кӯлоб фаъолият намудааст.

Солҳои 2012-2014 сармутахассиси Раёсати муассисаҳои таълимии Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2014-2016 сармутахассиси Шуъбаи муассисаҳои илмию таълимии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2016-2017 сардори Шуъбаи муассисаҳои илмию таълимии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2017-2019 сардори Раёсати саноати сабук ва пиллаи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Солҳои 2019-2020 сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои макроиқтисодии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2020-2022 директори муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи омӯзгории шаҳри Турсунзода", солҳои 2022-2023, директори филиали бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва солҳои 2023 - 2024 директори муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии сохтмони шаҳри Хуҷанд" кору фаъолият намудааст. Аз моҳи сентябри соли 2024 ба ҳайси директори МД "Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони системаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ" кору фаъолият дорад.

Аз соли 2015 то соли 2017 унвонҷӯи Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат буда, тадқиқоти илмии номзадии худро дар мавзуи "Рушди механизми дастгирии давлатии соҳибкории саноатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳия ва бомуваффақият дар Шурои диссертатсионии якҷояи Д999.020.02-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон дифоъ намуда, тахти фармони №131/нк-8 аз 15.08.2018 сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ гардид.

Аз соли 2020 то соли 2024 ба ҳайси унвонҷӯи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти илмӣ дошта, дар мавзуи «Такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар

Тоҷикистон» диссертатсияи илмиашро ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ барои муҳокима пешниҳод намуд.

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Қаюмӣ Шаҳзода Таго дар Раёсати таҳлили масъалаҳои макроиқтисодии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2020, протоколи №1 тасдиқ ва иҷро шудааст.

**Мушовири илмӣ:** Рауфӣ Абдугаффор - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ ва байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон;

**Ризозода Тӯра Раббим** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

**Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат** - доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хисрав ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Хулосаи мусбати додашудаи муассиса дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, суратҷаласаи №6, аз 04-уми январи соли 2025 баррасӣ гардида аз тарафи раиси ҷаласа, д.и.и., профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Фақеров Ҳ.Н., ташхисгар - муовини ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, д.и.и., дотсент Сафаров Б.Г. ва котиби ҷаласа, н.и.и., муаллими калони кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Нурублоева М.М. имзо шуда, аз тарафи ректори Донишгоҳи давлатии

молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Абдуалимзода Ҳ.А. санаи 11-уми январи соли 2025 тасдиқ шудааст.

Дар хулосаи додашудаи муассисаи пешбар, қайд гардидааст, ки кори диссертатсионии Қаюмӣ Шаҳзода Таҳо дар мавзӯи «Такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ҳамчун кори илмии тадқиқотии мустақил ва ба анҷом расида дониста шуда, дар он ҳалли масъалаҳои муҳим ва бартариятдоштаи илмҳои иқтисодӣ, ки ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ба талаботҳои диссертатсияҳои докторӣ ҷавобгӯ мебошад. Кори диссертатсионӣ дорои аҳаммияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст ва масъалаҳои муҳими илмӣ ҳалли худро ёфта, муаллифи он Қаюмӣ Шаҳзода Таҳо сазовори арзандаи дараҷаи илмӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди Комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионӣ бо назардошти мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсии онҳо барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар самти илми дахлдор ҳамчун муассисаи шинохташуда ба ҳисоб рафта, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дорои 33 номгӯи мақолаҳои илмӣ, як монография, аз онҳо 23 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда мебошад.

**Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ диссертатсия, монография ва дастурҳо.**

[1-М]. Қаюмова Ш.Т. Стратегия государственного регулирования и поддержка предпринимательства в условиях экономических реформ в Таджикистане [Матн] / Ш.Т. Каюмова // Известия Академии Наук РТ. № 4(236). Душанбе – 2014.С. 58-61.

[2-М]. Қаюмова Ш.Т. Нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Т. Қаюмова // Маҷаллаи «Идоракунии давлатӣ»-и Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №4 (28), 2015. С. 203-210.

[3-М]. Каюмова Ш.Т. Системный анализ банкротства промышленных предприятий», [Матн] / Ш.Т. Каюмова // Вестник Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики (научно-теоретический журнал) №3/3, Худжанд-2015. С. 119-121.

[4-М]. Каюмова Ш.Т. Формирование и развитие системы государственного регулирования предпринимательства в условиях экономических реформ [Матн] / Ш.Т. Каюмова // Вестник Таджикского национального университета, (научный журнал) Серия: Экономика. - 2015. - № 2/2 (161) С. 302-304.

[5-М]. Каюмова Ш.Т. Отношения обмена в системе формирования экономического пространства. [Матн] / Ш.Т. Каюмова, А.В. Улезько, П.Б., Корецкий // Вестник Воронежского государственного аграрного университета имени императора Петра I. №2(49) 2016. ISSN 2071-2243. С. 155-163.

[6-М]. Каюмова Ш.Т. Особенности управления собственным капиталом в устойчивых сельскохозяйственных организациях. [Матн] / Ш.Т. Каюмова., Л.А.Запорожцева. Нежельская Е.Г., // Финансовый Вестник ФГБОУ ВО Воронежский государственный аграрный университет имени императора Петра I, №4(28) 2016. ISSN 2040-6004. С .7-17.

[7-М]. Қаюмова Ш.Т. Ҷалби сармоя – асоси рушди иқтисодиёт ва иҷтимоиёти минтақаҳо (дар мисоли Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон) [Матн] / Ш.Т Қаюмова., К. Юсуфбекова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (илмҳои табиӣ-риёзӣ)/

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. № 1-2 (1-2). Душанбе – 2019. ISSN 2707-9996. С. 61-66.

[8-М].Қаюмова Ш.Т. Иқтисодиёти рақамӣ ва муҳиммияти татбиқи он дар рушди иқтисодиёти кишвар [Матн] / Ш.Т. Қаюмова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (илмҳои табиӣ-риёзӣ)/ Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. № 1-2 (1-2). Душанбе – 2019. ISSN 2707-9996 С. 74-78.

[9-М]. Қаюмова Ш.Т. Ташаккули ҳукумати электронӣ заминаи мусоид барои рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Т. Қаюмова., С.А. Азизов // Паёми "Идораи давлатӣ" Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Типографияи «АГУППРТ». Душанбе – 2020. №4/1(48). ISSN 2664-0651 (Print) ISSN 2709-8567 (Online) С. 54-630,6 ҷ.ч.

[10-М]. Қаюмова Ш.Т. Иқтисодиёти соҳибкории саноатӣ ва марҳилаҳои рушди он [Матн] / Ш.Т. Қаюмова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. № 1(30) Душанбе, 2020. ISSN 2308-054X С. 91-96.

[11-М]. Каюмова Ш.Т. Необходимость и меры государственной поддержки промышленного предпринимательства [Матн] / Ш.Т. Каюмова // Паёми Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. № 4 (72) 2020 Душанбе – 2020. ISSN 2075 – 9584 С. 141-149.

[12-М]. Қаюмова Ш.Т. Имтиёзҳои давлатӣ барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Т. Қаюмова // Паёми Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯзи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. № 1(69) Душанбе – 2020. ISSN 2075 – 9584 С. 68-77.

[13-М]. Қаюмова Ш.Т. Рушди соҳибкории саноатӣ омили асосии пешрафти иқтисодиёти кишвар ва таъмини сатҳи некӯаҳволии мардум. [Матн] / Ш.Т. Қаюмова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ 2020. №2. ISSN 2413-5151 С.136-144.

[14-М]. Каюмова Ш.Т. Формы государственной поддержки промышленного предпринимательства в регионах Республики Таджикистана [Матн] / Ш.Т.

Каюмова // Паёми «Идоракунии давлатӣ» // Нашрияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. № 2 (46), 2020 апрел – июн. ISSN 2664-0651 (Print) ISSN 2709-8567 (Online) С. 36-46.

[15-М]. Қаюмова Ш.Т. Зарурати мониторинги амнияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д.Б. Қодирзода, Ш.Т. Қаюмова // Паёми Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. № 1(73), Душанбе – 2021. ISSN 2075 – 9584. С. 147-154.

[16-М]. Каюмова Ш.Т. Механизмы и инструменты регулирования в сфере предпринимательства: основные теоретические и практические подходы [Матн] / Ш.Т. Каюмова // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ №4 (274) 2023. ISSN 2791-2634 С.109-121.

[17-М]. Қаюмова Ш.Т. Таъмини рақобатпазирии корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ дар шароити СУС [Матн] / Ш.Т. Қаюмова // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ №3 (272) 2023. ISSN 2791-2634 С. 115-120

[18-М]. Каюмова Ш.Т. Понятие «Конкурентоспособность региональной экономики» в современной трактовке [Матн] / Ш.Т. Каюмова., П.А. Мухсинова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. № 4/2(50) Душанбе, 2023. ISSN 2308-054X С. 186-195.

[19-М]. Қаюмова Ш.Т. Такмили механизми рушди соҳибкории саноатии воридотивазкунанда [Матн] / Ш.Т. Қаюмова // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ №4 (273) 2023. ISSN 2791-2634. С. 115-123.

[20-М]. Қаюмова Ш.Т. Моделсозии шаклҳои афзалиятноки дастгирии давлатии рушди соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Т. Қаюмова // Паёми Идоракунии давлатӣ. Нашрияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. №4/2(64), 2023. ISSN 2664-0651 (Print) ISSN 2709-8567 (Online) С. 224-236.

[21-М]. Қаюмова Ш.Т. Таъмини рақобатпазирии корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ дар шароити СУС [Матн] / Ш.Т. Қаюмова // Ахбори Академияи миллии

илмҳои Тоҷикистон. Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ №3 (272) 2023. ISSN 2791-2634. С. 115-120.

[22-М] Қаюмова Ш.Т. Таъмини самаранокии раванди инкишофи соҳибкории инноватсионӣ дар бахшҳои саноат [Матн] / Ш.Т. Қаюмова //Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. № 1(51) Душанбе, 2024. ISSN 2308-054X С.125-134.

[23-М]. Қаюмова Ш.Т. Такмили механизми идоракунии ҳамгироии байналмилалии корхонаҳои хурду миёна [Матн] / Ш.Т. Қаюмова // Паёми Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯзи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №1 (85) 2024. ISSN 2075 – 9584 С. 203-213.

## б) Монография ва брошюраҳо:

[24-М]. Каюмова Ш.Т. Государственная поддержка промышленного предпринимательства в Таджикистане [Матн] / Ш.Т. Каюмова // Под общ. ред. д.э.н., проф. Кадирзода Д.Б. и д.э.н., проф. Рауфи А. – Душанбе: "Хирадмандон", 2019. С. 160.

## в) Мақолаҳое, ки дар дигар нашриёҳо ба табъ расидаанд:

[25-М]. Каюмова Ш.Т. Подготовка современных специалистов-экономистов для инновационного развития отраслей экономики Таджикистана [Матн] / Ш.Т. Каюмова, А.Р. Хасанов // Материалы 3-ей международной научно-практической конференции на тему «Модель подготовки специалистов новой формации, адаптированных к инновационному развитию отраслей», 2-3 ноября 2012 г в Технологический университет Таджикистана, ЧДММ «Офсет» 2012г. С. 101-104

[26-М]. Каюмова Ш.Т. Методы снижения хозяйственных рисков на предприятии при внедрении инновационных технологий [Матн] / Ш.Т. Каюмова // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъи муосир ва инкишофи инноватсионӣ», издательство «Соҳибкор», Институт предпринимательство и сервиса Таджикистана, Душанбе-2013с. С. 79 – 82

[27-М]. Қаюмова Ш.Т. Таҷрибаи ҷаҳонии татбиқи дастовардҳои илмӣ-техникӣ дар рушди соҳибкории истеҳсолӣ [Матн] / Ш.Т. Қаюмова //Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Развитие малого и среднего предпринимательства в экономике Республика Таджикистан: тенденции и проблемы», издательство ЧП «Ахмедов Р.» Душанбе-2014. С. 290 – 298

[28-М]. Каюмова Ш.Т. Свободно-экономическая зона как фактор привлечения инвестиции в развитии промышленного предпринимательства [Матн] / Ш.Т. Каюмова., С.Х. Шамсиддинов // Материалы международной научно-практической конференции на тему «Бухгалтерский учет, анализ и аудит: Проблемы и перспективы развития в условиях глобализации», издательство «ИПС» Институт предпринимательство и сервиса, Душанбе – 2015. С. 264-266

[29-М]. Қаюмова Ш.Т. Нақши соҳаи саноат дар рушди низоми молиявии кишвар дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ [Матн] / Ш.Т Қаюмова // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Перспективы развития финансовой системы Республики Таджикистан в условиях экономической интеграции», 22-23 мая, издательство «Офсет империя» Душанбе – 2015. С. 31– 38

[30-М]. Қаюмова Ш.Т. Стратегия ва ҷанбаҳои рушди саноати кухӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Т. Қаюмова // Маводҳои конфронси ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии "Об барои рушди устувор, 2018-2028" дар мавзӯи «Мавқеи ҷавонон дар таъмини ҳамгироии илм ва истеҳсолот ҳамчун асоси рушди устувори инноватсионӣ» матбааи "Нашри Камол". Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат, Душанбе – 2017. С. 25-29.

[31-М]. Каюмова Ш.Т. Ускоренное развитие легкой промышленности Таджикистана [Матн] / Ш.Т. Каюмова // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Актуальные проблемы индустриализации Республики Таджикистан: проблемы и стратегии», издательство ООО «Мехрона - 2017»:–Д.2019. С. 26 – 27

[32-М]. Қаюмова Ш.Т. Рушди соҳибкории саноатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Т. Қаюмова // Маводҳои конфронси илмӣ-амалӣ

ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи: «Муаммоҳои рушди соҳаи саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд», Хуҷанд – 2024. С. 34-42

[33-М]. Қаюмова Ш.Т. Рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир-заминаи мусоид барои таъмини босуръати ҳадафи чорум [Матн] / Ш.Т Қаюмова // Маводҳои конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи: «Самтҳои асосии рушди устувори иқтисодиёт, баҳисобгирӣ, аудит ва таҳлил дар шароити муосир», Муассисаи давлатии "Филиали Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар вилояти Суғд" Хуҷанд. 30-апрели соли 2024, С. 41-48.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд:**

1. Алиджанов Д.А. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисодии МДТ ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров чунин эрод пешниҳод гардидааст:

- Хуб мешуд агар дар таҳқиқот таҷрибаи давлатҳои хориҷаи наздик мавриди баррасӣ қарор гирифта, оид ба онҳо хулоса пешниҳод мегардид.

-Агар таҳқиқот PEST (STEP) таҳлил гузаронида шуда дар асоси он пешниҳодҳои мушаххас дода мешуданд, арзиши илмии таҳқиқот боз ҳам баландтар мегардид

2. Шокиров Р.С. – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани молия ва баҳисобгирии МД Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд-ДБССТ бо чунин эрод пешниҳод шудааст:

- Хуб мешуд, агар дар кори диссертатсионӣ саҳмӣ олимони ватанӣ мушаххастар гардида, хулосаи пешниҳод мегардид.

- Кор бурд мекард агар муаллиф бо истифодаи таҳлили коррелятсионӣ ва регрессионӣ хулосабардорӣ намуда дар асосӣ он пешниҳод менамуданд.

3. Ҷуъаев Б.М. – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон чунин эродҳо пешниҳод шудааст:

- дар саҳифаи 40. Ҷадвали 7. "Ҳаҷми сармоягузории соҳаи саноати сабук дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон" маълумотҳои омории соли 2015 истифода карда

шудаанд, ки ҳолати имрӯзаи рушди соҳаро таҷассум наменамояд. Сифати кор боз ҳам беҳтар мегардид, агар аз тарафи муаллиф чунин таҳлил аз рӯи маълумоти 5 соли охир ба роҳ монда мешуд;

- дар автореферат натиҷагирии рушди сармоягузорӣ аз рӯи "Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015" ба роҳ монда шудааст. Дар баробари ин, сифати кор боз ҳам хубтар мегардид агар муаллиф натиҷагирии рушди соҳаро аз рӯи "Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022", аз 29 марти соли 2019 қабул гардидааст, ба роҳ мемонд.

4. Гоибназарзода С.М. - доктори илмҳои иқтисодӣ, муовини ректор оид ба таълими ДДХ ба номи М.Назаршоев чунин эрод пешниҳод шудааст:

- муаллиф ба мисоли инкишофи ҳамгироии минтақавии (Ҷануб, Ҷанубу Шарқӣ, шимол)сохторҳои соҳибкории кишвар камтар аҳамият додааст.

5. Раҷабов Р.К. – д.и.и., профессор, профессори кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон чунин эрод пешниҳод шудааст:

- дар адабиёти муосири илмӣ нисбати равишҳои назариявӣ-методологии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир, дар асоси таъсиси марказҳо ва минтақаҳои рушди саноат дар сохторҳои ҳудуди иқтисоди миллӣ ва муносибати бо дигар шаклҳои моликият фикру ақидаҳои зиёде мавҷуд мебошанд. Мутаасифона ҳангоми таҳқиқ ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ ва тамоюлҳои минбаъдаи он аз назари муаллиф каме дур мондааст.

-дар диссертатсия тавсияҳои амалӣ ҷиҳати дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир ва алоқа бо афзалиятноки фаъолияти илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ асоснок ва баҳо дода нашудааст

6. Қурбонов А.К.– доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити ДМТ чунин эрод пешниҳод шудааст:

- дар баробари муваффақиятҳои кори диссертатсионӣ, ки дар автореферат дида мешаванд, агар муаллиф дар кор ба масъалаи фаъолияти беруна корхонаҳои соҳибкории саноати рақобатпазири мамлакат бештар диққат медоданд, фаъолияти рақобатпазирии онҳо боз ҳам равшан мегардид.

7. Мукаддасзода Ф.М. – доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессор, кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин эрод пешниҳод шудааст:

- масъалаҳои соҳибкорону сармоягузорон дар заминаи қарорҳои ҷаласаҳои ҳамасолаи Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, мораторияҳо ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ таҳлилу натиҷагирӣ мегардиданд, барои болоравии сифати кори диссертатсионӣ хизмат менамуд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, баъзе аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ҷанбаҳои амалӣ ва асосҳои назариявию методологии дигаргунсозии таркибии иқтисодиёти миллӣ дар шароити инкишофи системаи дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар муайян карда шудаанд;

- асосҳои методологӣ ва принсипҳои ташаккули соҳибкории саноатии рақобатпазир, аниқ намудани мазмуни он аз нуқтаи назари синтези равишҳои гуногун: комплексӣ, системавӣ, кластерӣ ва институтсионалӣ муайян карда шудаанд;

- хусусиятҳои кластерсозии соҳа, таъмини ҳамкории мутақобилаи илм ва соҳибкории саноатӣ, махсусгардонӣ ва консентратсияи истеҳсолот бо назардошти оптимизатсияи ҷойгиршавии субъектҳои соҳибкорӣ дар Тоҷикистон муайян шудаанд;

- таҳлили ҳолат ва муайян намудани проблемаҳои рушди соҳибкории саноатии рақобатпазири Тоҷикистон, аз ҷумла:

• стратегияи ташаккул ва механизмҳои идоракунии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир таҳия карда шудаанд;

• шартҳои идоракунии самарабахши рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир муайян карда шудаанд;

- системаи тадбирҳо оид ба дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазирро дар сатҳи кишвар ва минтақаҳои он метавон аз рӯи се меъёри асосӣ тасnифбандӣ намуд: методҳои созмондиҳӣ – зерсохторӣ, молиявӣ – андозӣ ва молу мулкӣ, ки чун ҷузъи таркибии сиёсати давлатии иқтисодии меъёрӣ–ҳуқуқӣ, методи молиявӣ–иқтисодӣ ва молу мулкӣ мебошанд, таҳия карда шудаанд;

- тадбирҳои дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир муайян карда шудаанд;

- аҳаммияти истеҳсоли маҳсулоти тайёри саноатии рақобатпазири ватаниро муайян мекунанд, соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти миллӣ ва аҳолиро бо молҳои тайёри саноатии рақобатпазири ватанӣ конеъ ва таъмин карда, инчунин дар баланд бардоштани иқтисодиёти миллӣ саҳм мегузорад;

- асосҳои консептуалии таъмини мувозинат дар истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатпазирро дар асоси принсипҳои ҳамгирой ва диверсификатсия бо схемаҳои гуногуни ташкили раванди истеҳсолот ташаккул медиҳад;

- тадбирҳо оид ба таъмини рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир, ки баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёт ва некуаҳволии мардумро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд, таҳия шудаанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки:** татбиқи хулосаҳо ва тавсияҳои асоснокшудаи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд ҳамчун заминаи коркардҳои илмӣ дар фаъолияти амалӣ ва таҳияи минбаъдаи соҳибкории саноатии рақобатпазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифта шаванд.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ чунин ифода меёбад:**

Натиҷаҳои илмии муқаррарот ва хулосаҳои илмии дар кори диссертатсионӣ таҳияшуда дар таълими як қатор фанҳои иқтисодӣ, аз қабили «Иқтисодиёти саноатӣ», «Иқтисодиёти рақобатпазирии саноатӣ», «Ташкили истеҳсолот» инчунин, ҳангоми хондани маърӯзаҳо дар курсҳои такмили ихтисос ва бозомузии кормандони вазорату идораҳои дахлдор, татбиқи лоиҳаҳои бузурги сармоягузории соҳибкории саноатии минтақавӣ ба ихтисосҳои иқтисодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

ва миёнаи касбии кишвар истифода шуда метавонанд. Дар асоси муқаррароти илмии бадастомада ва тавсияҳои амалӣ Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти идоракунии соҳа метавонанд санадҳои меъёрӣ, барномаҳои рушд, барномаҳои мониторинг ва дастурамалҳоро оид ба такмили сиёсати саноатии кишвар дар самти такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир, андешидани тадбирҳои зарурӣро барои беҳтар намудани фазои соҳа дар кишвар, инчунин таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир бо аниқ муайян кардани ҳадафҳо ва вазифаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар таҳия намоянд.

**Нишондиҳандаҳои муайянкунандаи** тамоюли рушди такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон ва гурӯҳбандии минтақаҳо аз рӯи сатҳи рушди соҳа ҷудо карда шудааст. Дар рафти таҳқиқот муайян карда шудааст, ки таҳия ва татбиқи стратегияи рушди соҳибкории саноатӣ ҳамчун усули барномавии инкишофи рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир барои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар баромад мекунад.

**Дар раванди истифодаи усулҳои баҳогузории** рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир бо назардошти таҳлили сатҳи таъминоти захиравӣ, зерсохторӣ ва иттилоотӣ–машваратии онҳо, ки имкон медиҳад самаранокии дастгирии давлатӣ ҷиҳати таъмини рақобатпазирии сохторҳои соҳибкории саноатӣ бо таваҷҷуҳ ба муттаҳид намудани усулҳои асосии дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазирро дар кишвар муайян мекунанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

Тадқиқоти комплексии илмиест, ки муаллиф мустақилона, мувофиқи мақсад ва вазифаҳои диссертатсия бо назардошти дастовардҳои илми ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ин масъала иҷро кардааст. Саҳми шахсии довталаб дар таҳияи мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ, таҳияи нақша ва барномаи гузаронидани тадқиқот, ҷамъоварии маълумоти зарурӣ ва баррасии адабиёти илмӣ ва нашрияҳои даврӣ оид ба бахшҳои тадқиқот, асоснокқунӣ ва интихоби усулҳои коркарди иттилоот, тадқиқоти мустақим, таҳияи моделҳои математикии идоракунии равандҳои рушди объекти

омӯзиш ва тафсири натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф мебошад. Ҳамзамон миқдори зарурии мақолаҳо аз ҷониби муаллиф нашргардида, дар апробатсия ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ бевосита иштирок кардааст.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015 аз санаи 29.01.2025 қарори сазовор донистани Қаюмӣ Шаҳзода Таго бо дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо ҳуқуқи овоздиҳӣ - 10 нафар аъзо доранд, аз он ҷумла 5- нафар доктори илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 10 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба Шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор 10 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор -нест

Раиси Шурои диссертатсионии
6D.КОА-015 назди ДТТ
ба номи академик М.С.Осимӣ,
д.и.и., профессор Низамова Т.Д.

Котиби илмии Шурои диссертатсионии
6D.КОА-015 назди ДТТ
ба номи академик М.С.Осимӣ,
н.и.и., дотсент Ашурзода А.Н.

«29» январи соли 2025

ПРОТОКОЛИ

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-15 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

аз 29.01.2025с. ш. Душанбе

Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, №17/шд тасдиқ шудааст, 11 нафар иштирок доранд, аз онҳо 5 нафар мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Касе, ки барои кушодани маҷлиси шуро розӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид, бетараф? Нест. Бо як овоз қабул шуд.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои унвонҷӯи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳимояи диссертатсияи Қаюмӣ Шаҳзода Тағо дар мавзӯи «Такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– Иқтисодиёти саноат ва энергетика).

**Мушовири илмӣ:** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Рауфӣ Абдуғаффор.

**Муқарризони расмӣ:**

**Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи славянии Руссияву Тоҷикистон;

**Ризозода Тӯра Раббим** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

**Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат** - доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хисрав

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Раис: Кӣ ҷонибдори рӯзномаи пешбинишуда аст, марҳамат овоз дода шавад. Бетараф - нест. Муқобил - нест. Якдилона тасдиқ карда шуд.

Сухан барои шинос намудани ҳозирин бо мундариҷаи асосии ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ ба котиби илмии шуро, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ашурзода Ашур Нурулло дода мешавад.

Котиби илмӣ: Маълумотномаи Қаюмӣ Шаҳзода Тагоро қироат мекунад.

Раис: Ба котиби илмӣ савол ҳаст? Савол нест. Сухан ба унвонҷӯ Қаюмӣ Шаҳзода Таго барои маърӯза оид ба муҳтаво ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дода мешавад.

Қаюмӣ Ш.Т...: Баромад мекунад.

Раис: Кӣ ба Қаюмӣ Ш.Т... савол дорад? Марҳамат, аъзоёни Шурои диссертатсионӣ: д.и.и, профессор Бобоев О., д.и.и., профессор Ахророва А.Д., д.и.и., дотсент Хоҷаев П.Д., ва д.и.т., и.о. профессор Фохаков А.С.

Қаюмӣ Ш.Т.: Ба саволҳо ҷавоб медиҳад.

Раис: Боз кӣ савол дорад? Савол нест? Кифоя. Сухани навбатӣ ба мушовири илмии унвонҷӯ Рауфӣ Абдуғаффор доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дода мешавад.

Роҳбари илмӣ: Рауфӣ Абдуғаффор баромад мекунад (тақриз замима мегардад).

Раис: Сухан ба котиби Шурои диссертатсионӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ашурзода Ашур Нурулло барои шинос намудани ҳозирин бо тақризи муассисаи пешбар ва дигар тақризҳо, ки ба автореферати диссертатсия навишта шуда, ба шуро ворид шудаанд, дода мешавад.

Котиби илмӣ: қироат мекунад:

1. Тақризи муассисаи пешбар (замима мегардад).

2. Тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшуда (замима мегардад).

Раис: Ташаккур! Оид ба тақризҳои қироатгардида ба котиби шуро саволҳо ҳаст? Нест. Сухан ба унвонҷӯ Қаюмӣ Ш.Т. барои ҷавоб додан ба эродҳои муассисаи пешбар ва тақризҳои ба автореферат воридгардида дода мешавад.

Қаюмӣ Ш.Т. Баромад намуда, ба эродҳои муассисаи пешбар ва эродҳои ба тақризҳо воридшуда ҷавоб мегардонад.

Раис: Ташаккур! Сухан ба муқарризи расмӣ - **Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи

назарияи иктисод ва иктисоди ҷаҳони Донишгоҳи славянии Руссияву Тоҷикистон дода мешавад.

Комилов С.Ҷ.: Тақризро қироат мекунад (Тақриз замима мегардад).

Раис: Сухан ба унвонҷӯ Қаюмӣ Ш.Т барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

Қаюмӣ Ш.Т.: Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

Раис: Ташаккур! Сухан ба муқаррizи расмӣ - **Ризозода Тӯра Раббим** – доктори илмҳои иктисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дода мешавад.

**РизозодаТ.Р.**: Тақризро қироат мекунад (тақриз замима мегардад).

Раис: Ташаккур! Сухан ба унвонҷӯ Қаюмӣ Ш.Т. барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

Қаюмӣ Ш.Т.: Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

Раис: Ташаккур! Сухан ба муқарризи расмӣ - **Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат** - доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хисрав дода мешавад.

Қурбонзода М.Р..: Тақризро қироат мекунад (тақриз замима мегардад).

Раис: Ташаккур! Сухан ба унвонҷӯ Қаюмӣ Ш.Т. барои ҷавоб додан ба эродҳои мукарризи расмӣ дода мешавад.

Қаюмӣ Ш.Т.: Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

Раис: Ташаккур! Ба мубоҳиса мегузарем. Сухан ба аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки аз тарафи шуро ҳамчун мутахассис оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда эътироф шудаанд, дода мешавад. Баромад намуданд: д.и.и., профессор Исайнов И.Р., д.и.и., профессор Бобоев О., д.и.и., профессор Низамова Т.Д баромад намуданд.

Раис: Агар боз хоҳишмандон бошад, марҳамат. Хоҳишмандон нест? Кифоя.

Сухан ба унвонҷӯ барои ҷавоб додан ба муқарризони ғайрирасмӣ дода мешавад. Марҳамат!

Қаюмӣ Ш.Т.: Баромад намуда, ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ҷавоб мегардонад, ҳамзамон сухани ҷамбастиро қироат мекунад.

Раис: Ташаккур! Акнун мегузарем ба тартиби овоздиҳии пинҳонӣ. Барои гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ зарур аст, ки комиссияи ҳисобро интихоб намоем.

Чӣ хел пешниҳодҳо, аз рӯи шумора? 3 нафар. Марҳамат! Зид, бетараф нестанд! Марҳамат! Мушаххас киҳо? Пешниҳод шуд, ки ба комиссияи ҳисоб аъзоёни Шурои диссертатсионӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исайнов И.Р., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоев О.Б. ва доктори илмҳои иктисодӣ., дотсент Ҳоҷаев П.Д. пешниҳод карда шаванд.

Дигар пешниҳодҳо нест? Нест. Кӣ тарафдори ҳайати комиссияи интихобӣ мебошад, марҳамат овоз диҳад. Тарафдор 11, Зид - нест. Бетараф - нест. Якдилона қабул шуд. Ташаккур!

Марҳамат! Гурӯҳи комиссияи ҳисоб хоҳишмандам ба вазифаи худ шурӯъ намоянд. (Овоздиҳии пинҳонӣ гузаронида мешавад).

Раис: Сухан ба раиси комиссияи ҳисоб доктори илмҳои иктисодӣ, профессор Бобоев О.Б. дода мешавад. Марҳамат!

Бобоев О: Ташаккур! Муҳтарам раис! Муҳтарам аъзои Шурои диссертатсионӣ! Иҷозат диҳед суратҷаласаи №1 ҷаласаи комиссияи ҳисоб аз 29 январи соли 2025, ки аз тарафи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-015 интихоб шудааст, ба саҳми шумо расонам. Комиссияи овоздиҳӣ дар ҳайати 3 нафар: доктори илмҳои иктисодӣ, профессор, Бобоев О. доктори илмҳои иктисодӣ, профессор Исайнов И.Р., ва доктори илмҳои иқтисодӣ., дотсент Ҳоҷаев П.Д. таъсис дода шуда буд. Комиссияи интихобшуда барои ҳисоби овозҳои пинҳонӣ оид ба додани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ ба Қаюмӣ Шаҳзода Таго мебошад.

Дар маҷлис иштирок доштанд: 11 нафар аъзои Шуро, докторони илм аз рӯйи соҳаи дар диссертатсия баррасишаванда 5 нафар. Варақаҳои интихобии

тақсимшуда 10 адад, варақаҳои интихобии тақсимнашуда нест, варақаҳои бекоршуда нест.

Натиҷаи овоздиҳӣ оид ба сазовор донистани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ ба Қаюмӣ Шаҳзода Таго чунин аст. Тарафдор – 10 нафар, бетараф – нест, варақаҳои бекор – нест.

Раис: Ташаккур! Кӣ тарафдори он ки протоколи комиссияи хисоб тасдиқ карда шавад, марҳамат, овоз диҳед. Тарафдор – 11 нафар, зид - нест, бетараф - нест. Якдилона қабул шуд. Ташаккур.

Мутобиқи дастурамали КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мо ба баррасии лоиҳаи хулосаи Шурои диссертатсионӣ мегузарем, ки дар оғози ҷаласа ба ҳамаи аъзоёни шуро тақсим шуда буд. Чӣ гуна таклифҳо мешаванд? Биёед, муҳокима мекунем. (Аъзоёни шуро эродҳо ва иловаҳои худашонро баён мекунанд, муҳокима меравад). Кӣ тарафдори он аст, ки хулоса дар маҷмуъ қабул карда шавад, хоҳиш мекунам овоз диҳед. Хулосаи шуро якдилона дар таҳрири зерин қабул мегардад.

Аъзоёни шуро: Бо назардошти пешниҳодҳо қабул карда шавад.

Раис: Кӣ ҷонибдори бо дарназардошти пешниҳодҳо қабул гардидани хулосаи Шурои диссертатсионӣ аз рӯйи диссертатсияи Қаюмӣ Шаҳзода Таго мебошад, марҳамат овоз диҳед. Муқобил - нест, бетараф - нест. Якдилона қабул карда шуд.

Иҷозат диҳед, қарори Шурои диссертатсиониро барои ҳимоя ҚАРОРИ ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

аз 29 январи соли 2025, № 1 ш. Душанбе

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсия дар мавзуи «Такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– Иқтисодиёти саноат ва энергетика, тақризи мушовири илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Рауфӣ Абдугаффор, тақризи муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии молия ва

иктисоди Тоҷикистон, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: **Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович** - доктори илмҳои иқтисодӣ., профессор, профессори кафедраи назарияи иктисод ва иктисоди ҷаҳони Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, **Ризозода Тӯра Раббим** – доктори илмҳои иктисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, **Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат** - доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хисрав ва баромадҳои мутахассисон оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда д.и.и., профессор Исайнов И.Р., д.и.и., профессор Бобоев О., д.и.и., профессор Низамова Т.Д., Шурои диссертатсионии 6D.KOA-015 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзоёни Шурои диссертатсионӣ кабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Қаюмӣ Шаҳзода Таго.

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Қаюмӣ Шаҳзода Таго дар мавзӯи «Такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– Иқтисодиёти саноат ва энергетика ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои докторӣ тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент ва профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамояд.

3. Ба Қаюмӣ Шаҳзода Таго барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шурои диссертатсиониро қонибдорӣ намояд ва Қаюмӣ Шаҳзода Таго бо дипломи дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонида шавад.

Кӣ тарафдори қарори Шурои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид - нест, бетараф - нест. Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси Шуро: иҷозат диҳед унвонҷӯро барои бомуваффақият ҳимоя намудани диссертатсия ва сарфароз гаштан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ табрик намоям ва ба ҳамаи аъзоёни Шуро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям.

Бо ҳамин ҷаласаи навбатии Шурои диссертатсионӣ пӯшида эълон мешавад.

Раиси Шурои диссертатсионӣ
д.и.и., профессор Низамова Т.Д.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ
н.и.и., дотсент Ашурзода А.Н.

29.01.2025.

Мухри муассиса

ҚАРОРИ

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

аз 29 январи соли 2025, № 1 ш. Душанбе

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсия дар мавзуи «Такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– Иқтисодиёти саноат ва энергетика, тақризи мушовири илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Рауфӣ Абдуғаффор, тақризи муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: **Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович** - доктори илмҳои иқтисодӣ., профессор, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, **Ризозода Тӯра Раббим** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, **Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат** - доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хисрав ва баромадҳои мутахассисон оид ба тахассуси диссертатсия баррасишаванда д.и.и., профессор Исайнов И.Р., д.и.и., профессор Бобоев О., д.и.и., профессор Низамова Т.Д., Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзоёни Шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Қаюмӣ Шаҳзода Таго.

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Қаюмӣ Шаҳзода Таго дар мавзӯи «Такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– Иқтисодиёти саноат ва энергетика ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои докторӣ тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент ва профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамояд.

3. Ба Қаюмӣ Шаҳзода Таго барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Қаюмӣ Шаҳзода Таго бо дипломи дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонида шавад.

Кӣ тарафдори қарори Шурои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид - нест, бетараф - нест. Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси Шуро: иҷозат диҳед унвонҷӯро барои бо муваффақият ҳимоя намудани диссертатсия ва сарфароз гаштан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ табрик намоям ва ба ҳамаи аъзоёни Шуро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям.

Бо ҳамин ҷаласаи навбатии Шурои диссертатсионӣ пӯшида эълон мешавад.

Раиси шӯрои диссертатсионӣ
д.и.и., профессор — [signature] — Низамова Т.Д.

Котиби илмии
шӯрои диссертатсионӣ
н.и.и., дотсент — [signature] — Ашурзода А.Н.

Мӯҳри муассиса

29.01.2025